**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №2, 2014**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №2, 2014**

**УДК: Тадж.9-902-2А-14**

**АБДУЛҲАМИД Ф.**[1]

# МАСОИЛИ РУШДИ МАОРИФ ВА ПЕШРАФТИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола муаллиф муносибати ҷиддӣ ба соҳаи маориф, ҳамчунин дар сатҳи давлатӣ гузаронидани ислоҳотҳо дар соҳаи маорифро масъалагузорӣ менамояд. Ҳамзамон муаллиф дар он гузариш ба низоми кредитии таҳсилот, муносибати омӯзгорон дар иҷрои вазифаҳои давлатӣ ва имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавонро таҳқиқ намудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** истиқлолият, маориф, низоми кредитии таҳсилот, омӯзгор, донишҷӯ, ҷаҳонишавӣ, мушкилот, масъулият.

Муносибати ҷиддӣ ба соҳаи маориф, дар сатҳи сиёсати давлатӣ ба миён гузоштани проблема ва ҳалли мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа барои ҷомеа аҳамияти бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маърифативу фарҳангӣ дорад. Маориф дар фаҳмиши васеъ ва имрӯзӣ яке аз соҳаҳои ҳаётӣ ва глобалии асри XXI мебошад ва ҳар фардро водор месозад, ки ба он бо таваҷҷуҳи хоса ва масъулияти баланд муносибат намояд. Зеро толибилм ва донишҷӯйи имрӯза фардои ҷомеаро ба пеш мебарад. Рушду тараққиёти мамлакат бевосита ба саъю талоши насли созандаву эҷодкор алоқаманд аст. Бинобар ин, агар ба тарбияи насли соҳибмаърифату донишманд имрӯз бо масъулият муносибат накунем, ифтихори миллии мо гирифтори зоҳирпарастӣ шуда, дар доираи ному дастовардҳои бузургони гузаштаамон маҳдуд мемонад. Ба ҳама маълум аст, ки зарари молиявии ҷанги шаҳрвандӣ ба10 миллиард доллар баробар шуд ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ бо роҳбарии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон барои рафъи оқибатҳои он корҳои зиёдеро ба анҷом расонд. Иншооту биноҳои харобгашта аз нав барқарору биноҳои наву замонавӣ бо ҳама шароитҳои хуби таҳсил сохта шуда, ҳамзамон корҳои созандагӣ идома ёфта истодааст. Инчунин, ҳаёти орому осудаи мардум таъмин карда шуд. Вале зарари маънавии он то ҳол бартараф нашудааст ва таъсири манфии он дар ҳаёти ҷомеа ҳанӯз ҳам эҳсос мегардад. Заъфи аз ҳама бештар дар соҳаи маориф, ки ҷузъи аслӣ ва таркибии маънавиёти ҷомеа мебошад, мушоҳида мешавад. Чунки заминаи тарбияи кадрҳои тамоми соҳаҳо, маърифатнокии ҷомеа ба фаъолияти мактаб ва сатҳи таълиму тарбия робитаи бевосита дорад**.** Дар вохӯрӣ бо ҳайати васеи кормандони соҳаи маориф Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон иброз намуда буд, ки «Мо маорифро дар сиёсати давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон самти асосӣ ва стратегӣ эълон доштаем» [4]. Президент ва Ҳукумати кишвар ба ин соҳа дар доираи қудрату имкониятҳои мавҷуда аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд. Бо дарназардошти ин, аз соли 2000-ум,

---

[1] **Адрес для корреспонденции:** Фирдавси, Абдулхамид – аспирант ТНУ. 734001, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Исмаил Сомани – 11. Тел: (+ 992)918544498, E- mail: Firdavs90_tj@mail.ru

яъне танҳо баъди пурра таъмин шудани суботи сиёсӣ, Ҳукумати Тоҷикистон пайваста ба ҳаллу фасли масъалаҳои соҳаи маориф машғул аст ва барои беҳтар намудани шароиту имкониятҳои он кӯшиш менамояд. Сарвари давлат таъкид мекунад, ки барномаи таълим, тадрис ва тарбият бояд ҷавобгӯи сиёсати маорифи байналхалқӣ бошад [2,109]. Ба ин маънӣ, дурнамои сиёсати маорифи давлати Тоҷикистон инсонҳои донишмандро мунтазир аст, ки масъулияти истиқлол, бедории фикрӣ ва хушбахтии тамоми қишрҳои ҷомеаро ба уҳда бигиранд. Маҳз ҳамин мақоми ҳалкунанда доштани маълумотро дар пешрафти ҷамъият ба назар гирифта, бо мақсади ба стандартҳои умумиҷаҳонӣ мутобиқ сохтани мазмуни таҳсилот Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мамлакат ислоҳоти соҳаи маорифро зарур шуморидааст. Дар робита ба ин Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 апрели соли 2009 таъкид намуд, ки «Ҳукумати мамлакат барои таълиму тарбияи насли бомаърифату соҳибҳунар ва ба анъанаҳои неки гузаштагон сазовору содиқ, инчунин ба меъёрҳои ҷаҳонӣ наздик гардонидани низоми таълим дар мамлакат ислоҳоти соҳаи маорифро вусъат дода, онро давра ба давра амалӣ гардонида истодааст» [3,165]. Вазифаи асосии намояндагони соҳаи маориф, умуман дар маҷмуъ ҷомеа, ин тарбияи шахсияти фаъол ва созанда мебошад. Аз ин рӯ, бояд дар зеҳну шуури хонандагон ва ҷавонон эҳсоси худогоҳии миллӣ, худшиносии таърихӣ, истифодаи арзишҳои фарҳангиву ахлоқӣ ва барои ноил шудан ба дастовардҳои илму техника ва фарҳанг тарбия намуд.

Гузариш ба низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ислоҳотҳои соҳаи маориф буда, бо назардошти таҷрибаи давлатҳои пешрафта ва хусусиятҳои миллии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои олии касбии кишвар тадбиқ шуда истодааст. Ба низоми кредитӣ Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳанӯз соли 2004- ум таҳсилро ба роҳ мондаанд. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз соли 2010 ба ин низом гузаштааст ва донишгоҳу донишкадаҳои дигар бо истифода аз таҷрибаи дигар муассисаҳои таҳсилоти олӣ пайгирона ин низомро ҷорӣ намуда истодаанд. Мувофиқи «Барномаи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» аз соли таҳсилоти 2015-2016 сар карда, низоми таҳсил пурра тибқи технологияи кредитӣ ба роҳ монда мешаванд [3,184]. Барои ҷорӣ намудани ин низоми таҳсил ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос пеш аз ҳама Вазорати маорифро зарур аст, ки дар ин самт ҳам шароити таълимро хубтар намояд. Аз ҷумла, омӯзгоронро бо (дар муаллимхонаҳо) компютер ва техникаи компютерӣ таъмин ва бо шабакаи ҷаҳонии «интернет» пайваст намояд, ҷиҳати омода намудани ҳайати омӯзгорон тибқи ин низом چораҳо андешида, курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ дар шакли семинарҳо бо иштироки мутахассисони варзидаи ватанию хориҷӣ дар ҳамаи муассисаҳои олии касбӣ ташкил намоянд. Ҳамчунин, ҷиҳати такмили ихтисосу омӯзиш ба муассисаҳои таҳсилоти кишварҳои пешрафта фиристодани устодону кормандон, инчунин даъвати мутахассисони босалоҳият аз муассисаҳои таълимию илмии кишварҳои мутараққӣ зарур мебошад. Ҳамчунин, ҷиҳати омода намудани донишҷӯён барои таҳсил тибқи низоми кредитӣ чораҳои зарурӣ андешидан лозим аст. Махсусан, дар курсҳои аввал донишҷӯён бояд бо роҳнамои донишҷӯй, ки дар он тамоми маълумот оид ба раванди таълим дар низоми кредитии таҳсилот, аз ҷумла уҳдадориҳои устод ва донишҷӯ, тарзи қабули имтиҳонҳои фосилавӣ ва ҷамъбастӣ дарҷ ёфтааст, таъмин бошанд. Инчунин, донишҷӯён бояд пеш аз оғози дарс бо маҷмуи маводи таълимӣ – методӣ ва барномаҳои кории фанҳои муайяншуда, ки дар онҳо ҳамаи талаботи устод аз донишҷӯ ва услуби дарсгузарӣ бояд дарҷ гардида бошад, таъмин шаванд. Дар тӯли

солҳои истиқлолият як қатор ислоҳотҳо дар соҳаи маориф тадбиқ шудаанд ва ҳамзамон идома ёфта истодаанд. Албатта, пеш аз ҳама мақсади ислоҳотҳо дар ин соҳа беҳтар намудани сифати талиму тарбия дар муассисаҳои таълимии кишвар буда, дар ин замина бояд кадрҳои баландихтисоси ҷавобгӯи бозори ҷаҳониро тарбия намуд. Ҳама он тадбирҳои андешида ва ғамхориҳое, ки дар соҳаи маориф дар даврони истиқлолият тадбиқ шуданд, ҳоло ҳам нокифоя мебошанд. Аммо ба қадри ин ғамхориҳо низ расидан қарзи ҳар як корманди соҳаи маориф, махсусан омӯзгорон мебошад. Воқеан, имрӯз дар матбуот зиёд навиштаҳоро мебинем, ба андозае, ки омӯзгорон, махсусан аз сатҳи донишу одоби донишҷӯёни хеш қаноатманд нестанд. Нуқтаи назари донишҷӯён ҳам зиёдтар манфӣ арзёбӣ мегардад. Донишҷӯён низ ҳамин қадар аз устодони худ розӣ нестанд. Мо дар шароити ҷаҳонишавӣ зиндагӣ мекунем ва ин ҷаҳонишавӣ дар радифи ҷиҳатҳои мусбат ҷиҳатҳои манфӣ низ дорад, ки маънавиёти инсонро коста гардонда, ба густариши эҳсосҳои бадбинӣ, нафрат, ҷангу хунрезӣ, терроризм, харобкорӣ ва боз дигар омилҳои манфӣ мусоидат мекунад. Имрӯзҳо, дар ин шароит зери назорат гирифтани одоб, ақида, донишу тафаккури донишҷӯй хеле мушкил шудааст ва аз падару модар, омӯзгор, ҷомеа муносибати ҷиддӣ ва масъулияти баландро талаб мекунад. Инчунин, ҷаҳонишавии мазмуни таҳсилот ва ҳамгироии халқҳою миллатҳо ҳавфи аз байн бурдани арзишҳои миллатҳои камнуфузро ба миён меорад. Ҳамчунин, аз паст будани сатҳи касбии муаллим, шаҳрвандон, ҳам ҷомеа ва ҳам давлат то андозаи муайян зарари моддиву маънавӣ мебинанд. Мутафаккир Уруди Бузург чунин қайд кардааст, ки: «Як омӯзгори нопухта метавонад солҳо шогирдони худро гумроҳ ва саргардон кунад» ё ин ки «Як омӯзгор метавонад, бо рафтор ва гуфтори хеш ҷомеаро дигаргун кунад» [1,339]. Воқеан, омӯзгорони воқеӣ як қисми муҳимми зиёиёнро ташкил медиҳанд ва барои таълиму тарбияи фарзандони миллатамон фидокорона кӯшишу ғайрат доранд ва месазад, то бо номи чунин омӯзгорон ифтихор кунем. Мутассифона, дар баробари ин дар соҳаи маориф шахсоне низ кору фаъолият доранд, ки бо рафтори ношоистаи худ номи муқаддас ва бузурги муаллим, устодро доғдор месозанд. Муаллим ақл, шарафу виҷдони ҷомеа ва симои асосии он мебошад ва ҳар нафари тасодуфӣ наметавонад, ин унвонро соҳиб гардад. Ин аст, ки бархе аз мутахассисони ҷавон боварӣ надоранд, ки бо сатҳи дониши пасти худ дар мактабҳо аз уҳдаи кор бароянд. Дар ҳоле, ки имрӯз давлат омӯзгорони ҷавонро зиёд дастгирӣ мекунад ва ба онҳо тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2006, №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» аз январи соли 2007 имтиёзҳои зерин: бенавбат ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони хонаи истиқоматӣ, дар ноҳияҳои кӯҳистон вобаста ба имконияти ноҳияҳо ҷудо кардани қитъаи замин барои боғдорӣ ва кишти полезӣ ва додани қарзҳои имтиёзнок барои хариди чорвои калони шохдори ширдеҳ ё бунёди 20 оилаи занбӯри асал муайян намудааст [3,153-154].

Хулоса, дар радифи дигар мушкилотҳои ҷойдошта дар соҳаи маориф, хусусан дар тайёр намудани кадрҳои боистеъдод, сабаби асосии паст будани сатҳи дониши хонандагони чи мактабҳои олӣ ва чи таҳсилоти умумӣ, бешубҳа дар нарасидани омӯзгорони касбӣ мебошад. Дар қатори он ки падару модарон имрӯзҳо нисбат ба таълиму тарбияи фарзандон камаҳамият гаштаанд, ҳамзамон муносибати хунукназаронаи омӯзгороне, ки дар иҷрои вазифаҳои давлатии худ машаққатгурез ва рӯякикор шудаанд, зиёд мебошад. Маҳз ҳамин рӯякикорӣ аст, ки натиҷаи кори софдилонаи чандин омӯзгори хушкорро барбод медиҳад. Бояд гуфт, ки ин ҷабҳаи фаъолиятро танҳо бо меҳнати ҳалоли тӯлонӣ обод кардан муяссар мегардаду халос. Мо, ки имрӯз бо ному корнамоиҳои гузаштагонамон ифтихор мекунем ва аз

дастовардҳои онҳо истифода менамоем, бояд, ки дар баробари масъулиятнокии ҳатмии волидайн айбро яктарафа сари толибилм ва падару модар ҳавола накарда, рисолати таърихии «устод» - ро дар назди миллат ва шаҳрвандон тавре адо кунем, ки оядагон аз маҳсули фаъолияти омӯзгор асрҳо комёбу қаноатманд бошанд.


**Адабиёт**

1. Абдулҳанони Абдураҳмон. Суханони бузургон.- Душанбе, 2012. - С.477.
2. Нозим Нурзода. Ручӯи Ҷамшед.- Душанбе: Истеъдод, 2011.- С.9.
3. Раҳмонов А.А., Расулов А.Б., Қодиров Қ.Б., Афзалов Х.С. Дирӯз ва имрӯзи Маорифи Ҷумҳурии Точикистон.- Душанбе, 2011.-С.186
4. Эмомалӣ Раҳмон. Мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи кишвар //Ҷумҳурият. 2005, 1 сент.



**АБДУЛХАМИД Ф.**


## РАЗВИТИЕ ОБРАЗОВАНИЯ И ПРОГРЕСС ОБЩЕСТВА


В статье автор говорит о серьёзном отношении к образованию, также о проведении реформы на государственном уровне в сфере образования. В данный момент автор отметил необходимость перехода к кредитной системе обучения, а также отношение преподавателей при выполнении государственых обязанностей и льготах к молодым специалистам .



**Ключевые слова:** независимость, образование, кредитная система обучения, преподаватель, студент, глобализация, трудности, ответственность.



**ABDULHAMID F.**


## THE **DEVELOPMENT OF EDUCATION AND PROGRESS OF SOCIETY**


In the author’s article a serious attention is paid to the education sphere, also he poses a question about conducting reforms in educational sphere on the state level. In the meantime author researched the transition to the credit system of education, attitudes of the teachers for fulfilling the states duties and giving privileges to younger teachers.



**Key words:** Independence, education, credit system of education, teacher, student, globalization, problem, responsibility.